*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ХАМРОЗИ ХАЛҚ

ХИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН · НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 06 (654), 12 феврали соли 2026

Нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО-2025



## СИЁСАТИ ДОХИЛӢ

***Соли 2025 миллати тамаддунофари тоҷик 34 - умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дастовардҳои арзанда таҷлил намуд.***

Мардуми шарафманди кишвар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ тахти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонӣ аз сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хоҳишу талошҳои созанда Ватани худро ба як сарзамини пешрафта ва аз ҳар ҷиҳат рушдёфта табдил доданд.

Аз ҷумла, тайи даҳ соли охир, яъне дар давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар, ки марҳалаҳои фосилавии иҷрои Стратегияи миллии рушд то соли 2030-ро дар бар мегиранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бисёр иқдомоти муҳимму самарабахш амалӣ карда шуд.

Тибқи иттилои расмӣ, соли 2025, сарфи назар аз мушкилоти мураккаби ҷаҳони имрӯз ва таъсири манфии онҳо ба иқтисоди кишвар, барои мардуми Тоҷикистон соли бобарор ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат пешравиҳои назаррас ба амал омаданд.

Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 176,9 миллиард сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиши он 8,4 фоиз таъмин карда шуд.

Соли 2025 ба қисми даромади буҷети давлатӣ 60,3 миллиард сомонӣ маблағ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 7 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ба 28,7 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2024 23 фоиз зиёд аст.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ тайи солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати кишвар бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар самти рушди истеҳсолоти дохилӣ як қатор тадбирҳо андешида шуданд.

Дар соли 2025 ба кишвар ба маблағи 59,5 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба соли 2024 35 фоиз зиёд мебошад.

Соли 2025 бо як қатор тадбирҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ барои шаҳрвандони кишвар соли бобарор, таърихӣ, хотирмон ва пур аз руйдодҳои фараҳбахш буд.

Дар фазои озод, шаффоф ва дар сатҳи баланд баргузор гардидани интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи марти соли 2025 яке аз чорабиниҳои муҳимми сиёсии соли 2025 ба ҳисоб меравад.

Ҳалли пурраи масъалаҳои сарҳадии тайи беш аз сад соли охир ҳалношудаи миёни ду давлат - Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бо имзои шартнома дар бораи муайян кардани хатти сарҳади давлатӣ рӯйдоди дигари таърихӣ аст.

Ҳамчунин, 31 марти соли 2025 сарони се давлати ҳамсоя - муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва муҳтарам Садир Жапаров шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадиро ба имзо расонданд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ гарм истиқбол ёфт.

Дар соли 2025 бо ибтикороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар як қатор ҳамоишҳои минтақавию байналмилалӣ дар сатҳи баланди тадорукотӣ доир шуд, ки боиси боло-равии нуфуз ва муаррифии тозаи кишвар дар арсаи олам гардид.

Аз ҷумла, 30 майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе нахустин Конфрон-

*(Идома дар саҳ. 2)*



*(Идома аз саҳ. 1)*

си байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо, аз рӯи ташаббуси Тоҷикистон бо иштироки беш аз 2500 коршиноси сатҳи баланд аз 80 кишвар, роҳбарони ҳайатҳои як қатор ҳукуматҳо, намояндагони воломақоми созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, пажӯҳишгоҳҳо ва шарикони рушд баргузор гардид.

Мавриди зикри хос аст, ки 12 декабри соли 2025 бо ташаббуси Тоҷикистон дар ҷаласаи 7-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист қатънома доир ба "Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ" қабул карда шуд.

Инчунин, 12 декабр бо иқдоми Тоҷикистон қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси эълон кардани соли 2027 ҳамчун "Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ" қабул гардид.

Бо ташаббуси дигари кишвари мо соли 2025 қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зери унвони "Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ" пазируфта шуд.

Пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани ёдгориҳои мероси фарҳангии Хуталি қадим зимни иҷлосияи 47-уми Кумитаи мероси ҷаҳонӣ дар шаҳри Париж баёнгари эътирофи ташаббусҳои Тоҷикистон мебошад.

Соли 2025 боз аз он ҷиҳат хотирмон буд, ки дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Фаронса 700-солагии бузургдошти шоири номвари классики тоҷик - Ҳофизи Шерозӣ бо барномаи бошукӯҳи фарҳангӣ таҷлил гардид.

Зимни ироаи Паём "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар" 28 декабри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025-2030 "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон карда шаванд.

Ҳукумати кишвар дар соли 2025 бо роҳандозии сиёсати бунёдкорона дар амалисозии стратегияҳои миллӣ, барномаҳои давлатии соҳавӣ ва дар ҳаёт татбиқ намудани қонунҳои қабулгардида, ба комёбиҳои арзанда ноил шуд.

Соли 2025 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки аъзои ҳукумат ва роҳбарони дигар сохторҳои давлатӣ 12 маротиба маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуда, дар он масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа муҳокима гардид.

Давоми соли 2025 аз тарафи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18 маротиба дар соҳаҳои гуногун, вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, макомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, амният, сарҳадот ва ғайра таъйиноти кадрӣ гузаронида шуда, кадрҳои ҷавону корозмуда ва донандагони забонҳои хориҷӣ ба вазифаҳои пурмасъул таъин гардиданд.

Соли 2025 бо мақсади шиносоӣ бо вазъи зиндагии мардум, иштирок дар тантанаҳои идҳои миллӣ ва ҷашнҳои давлатӣ, ифтитоҳи иншооти таъйиноти гуногун ва мулоқот бо шаҳрвандони кишвар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18 маротиба ба вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1 маротиба, вилояти Суғд 3, вилояти Хатлон 8 ва ба шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 7 маротиба сафари корӣ анҷом доданд.

Зимни ин сафарҳо Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари ифтитоҳи иншооти таъйиноти гуногун бо фаъолону сокинони шаҳру ноҳияҳо суҳбату вохӯриҳои самимию созанда доир намуданд.

Дар доираи сиёсати хирадмандона ва башардӯстона бо хислатҳои накӯ ва ҳамидаи инсонпарварӣ дар соли 2025 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 7 маротиба бо ятимон мулоқот намуда, ба беш аз 800 ятими кулл ва кӯдакони ниёзманд кумакҳои моддӣ расонданд.

## САНОАТ

***Эълон намудани солҳои 2022 - 2026 ҳамчун "Солҳои рушди саноат" барои амалишавии раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи устувор гузошт.***

Соли 2025 дар Тоҷикистон дар маҷмӯъ 400 корхонаи нави саноатӣ бо 17 ҳазор ҷойҳои нави корӣ мавриди истифода қарор дода шуда, нисбат ба соли қаблӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 22,1 фоиз афзоиш ёфт.

Дар доираи солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди саноат" бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қаламрави кишвар корхонаҳои саноатӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла мошинсозӣ, хӯрокворӣ, саноати сабук, сохтмон ва коркарди маъдан ба истифода дода шуд.

Аксари корхонаҳои аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳёфта бо таҷҳизоти муосир ва каммасраф ҷиҳозонида шуда, фаъолияти пурсамари истеҳсолӣ доранд.

Аз ҷумла, давоми соли 2025 бо мақсади рушди соҳаи саноат ва таъмини яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - саноатикунонии босуръати кишвар дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳри Душанбе корхонаву коргоҳҳои гуногуни истеҳсолӣ ифтитоҳ гардида, ба бунёди 4 корхонаи калони саноатӣ дар шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Данғара, Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров барои наздики 1800 ҷои корӣ санги асос гузошта шуд.

Корхонаҳои калонтарини аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2025 ифтитоҳёфта, инҳо мебошад:- 3 корхонаи калони саноатии ҶСП Сантайлс (Suntiles) бо зиёда аз 650 ҷойи корӣ ва марҳилаи дуюми Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Кока-Кола Нӯшокиҳои Тоҷикистон бо 600 ҷои корӣ дар шаҳри Душанбе, 3 корхонаи саноатии ҶДММ Талант, ҶДММ Зиннат Гач ва корхонаи Роял Бебӣ Тоҷикистон бо 165 ҷои корӣ дар шаҳри Ваҳдат, корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Алюминийи аввалин бо 160 ҷои корӣ, марҳилаи дуюми Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Алюмин Проф бо зиёда аз 80 ҷои корӣ дар шаҳри Турсунзода, корхонаи истеҳсоли асфалту бетон бо 100 ҷои корӣ дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, корхонаи хишти Данғара бо 60 ҷои корӣ, корхонаи орд дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо 150 ҷои корӣ дар ду баст, Парки саноатӣ дар ноҳияи Ванҷ бо 50 ҷои корӣ ва корхонаҳои муштараки истеҳсоли профилҳои пластикӣ ва алюминии ҶДММ Афранг Пластик бо 150 ҷои корӣ ва корхонаи коркарди меваю сабзавоти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ДороАртФуд бо 80 ҷои корӣ дар шаҳри Хуҷанд, корхонаи истеҳсоли газоблоки Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Хишти муосири аълосифат" дар шаҳри Бӯстон бо 60 ҷои корӣ, корхонаи коркард ва бандубасти меваи хушки Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Донаи алмос дар минтақаи озоди иқтисодии Суғд бо 80 ҷои корӣ, корхонаи истеҳсоли обҳои шифобахши Хаватаг бо 20 ҷойи корӣ ва корхонаи мебели Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Асри обод бо 8 коргоҳи истеҳсолӣ ва зиёда аз 50 ҷои корӣ дар шаҳри Истаравшан.

15 май Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Акиа Авесто автоматив индастри" ташриф оварда, баъди шиносоӣ бо фаъолияти корхона 30 электробуси замонавиро бо тамғаи "Акиа нерӯ" мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

То ба имрӯз корхона зиёда аз 500 автобус, электробус ва электротролейбуси гуногуншакл ва гуногунҳаҷм истеҳсол намудааст, ки дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои кишварамон ба мусофирон хизмат мерасонанд.

## ЭНЕРГЕТИКА

***Бо мақсади таъмини рушди устувори соҳаи энергетика ва татбиқи ҳадафи стратегии расидан ба истиқлоли комили энергетикӣ соли 2025 аз ҷониби Ҳукумати кишвар тадбирҳои созанда амалӣ гардид.***

Дар давраи соҳибистиқлолӣ барои амалисозии ҳадафи стратегии кишвар ва васеъ намудани имкониятҳои содиротӣ то соли 2025 дар соҳаи энергетика 36 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 2,7 миллиард доллар амалӣ карда шуда, ҳоло 18 лоиҳаи дигар ба маблағи 1,6 миллиард доллари амрикоӣ дар марҳилаи амалисозӣ қарор доранд.

Соли 2025 барои бахши энергетика низ яке аз солҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро Тоҷикистон дар ин давра ба як қатор дастовардҳои назаррас ва натиҷаҳои муҳими стратегӣ ноил гардид. Аз ҷумла, корҳои сохтмонӣ дар иншооти бузурги аср - Неругоҳи обии Роғун қариб 60 фоизи корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шуд. Барои идомаи босуръати корҳои сохтмон дар неругоҳ соли 2025 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 10 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд. Сарбанди неругоҳ ба нуқтаи 1110 метр аз сатҳи баҳр расида, баландии он ба 145 метр баробар шуд. Дар ин замина, ду агрегати Неругоҳи обии Роғун аз ибтидои фаъолият беш аз 10 миллиард киловатт соат неруи барқ истеҳсол кардааст.

31 марти соли 2025 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров хат-

*(Идома дар саҳ. 3)*

*(Идома аз саҳ. 2)*

ти интиқоли барқи 500 кВ-и Датка-Суғд дар доираи лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи CASA-1000 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 июни соли 2025 дар арафаи ҷашни Ваҳдати миллӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Неругоҳи обии Себзор бо тавононии 11 МВт, зеристгоҳи барқии 110/35/10 кВ Ҷангал, неругоҳҳои офтобии Аличур (2,8 МВт), Гулзор (0,45 МВт) ва чор неругоҳи хурди обиро ба кор даровarданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20 ноябри соли 2025 се агрегати охири Неругоҳи обии Қайроққумро пас аз таҷдид ба кор андохтанд.

Бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20 ноябр дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд ба корҳои сохтмонӣ дар неругоҳҳои офтобӣ дар ноҳияи Ашти вилояти Суғд ва ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон бо иқтидори умумии 500 МВт оғоз бахшида шуд.

Тавре мудом таъкид мегардад, яке аз масъалаҳои ташвишовар талафоти неруи барқ дар кишвар мебошад. Аз рӯи маълумоти оморӣ, талафоти барқ дар кишвар дар 11 моҳи соли 2025 3 миллиард киловатт-соатро ташкил карда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 500 миллион киловатт-соат кам шудааст.

Аз ин рӯ, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохторҳои дахлдор супориш доданд, ки барои пурра аз байн бурдани ин мушкил чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Қобили зикри хос аст, ки дар натиҷаи ҷорӣ намудани низоми биллингӣ дар шаҳри Душанбе дар соли 2025 талафоти барқ ба 13 фоиз баробар шуда, нисбат ба соли 2024 7 фоиз кам гардид.

Бояд гуфт, ки баъди гузариш ба низоми биллингӣ беш аз 6 ҳазор муштариёни нав ба қайд гирифта шуданд.

Бо мақсади таъмини рушди устувори соҳаи энергетика ва ноил шудан ба ҳадафҳои гузоштаршуда соли 2025 13 лоиҳаи сармоягузории давлатии соҳа ба маблағи 14,9 млрд сомонӣ мавриди татбиқ қарор дода шуд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ нисбат ба соли 2024 7 фоиз зиёд гардида, ба 24 млрд кВт. соат расонида шуд.

Дар соли 2025 Барномаи рушди соҳаи энергетикаи барқӣ барои солҳои 2026-2030 қабул гардид.




## РОҲҲО

***Бунёди роҳ аҳамияти бузурги иқтисодию иҷтимоӣ дошта, дар беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар заминаи устувор мегузорад.***

Татбиқи 14 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 11,7 миллиард сомонӣ дар соҳаи нақлиёт имкон дод, ки рушди соҳа таъмин гардад ва дар натиҷа соли 2025 тавассути ҳама гуна нақлиёт 155 миллион тонна бор ва 1,1 миллиард мусофир кашонида шуд, ки нисбат ба соли 2024 мутаносибан 15,2 ва 11 фоиз зиёд мебошад.

Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз самтҳои асосии стратегии кишвар ба шумор меравад.

Барои беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ҳоло татбиқи 16 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 11,3 миллиард сомонӣ идома дорад.

Соли 2025 дар доираи лоиҳаҳои номбурда ба маблағи умумии зиёда аз 5,4 миллиард сомонӣ 236 километр роҳҳои мошингард ва дигар иншооти роҳу нақлиёт мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ ба истифода дода шуд.

Давоми соли 2025 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо рафти корҳо дар як қатор иншооти соҳаи нақлиёт шинос шуда, баъди бунёд як қисми роҳҳоро мавриди истифода қарор доданд.

3 июн Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз ҷараёни марҳилаи дуюми корҳои сохтмонӣ дар роҳи мошингард аз Дарвозаи ғарбӣ то маҳаллаи Чортут дидан намуданд.

Масофаи умумии роҳи мошингард аз Дарвозаи ғарбӣ то маҳаллаи Чортут дар маҷмуъ 9,2 километрро ташкил дода, ҷавобгӯйи стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Паҳноии роҳ 50 метрро ташкил дода, аз 8 хати ҳаракат дар ду самт иборат аст.



25 июн Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Дарвоз роҳи мошингарди қитъаи Қалъаи Хумб - Ванҷ то дарвозаи Рӯшонро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Дарозии 2 нақби мошингузар дар ин масир 5200 метр буда, бо баландии 6 метру 90 см ва паҳноии 8 метр бунёд шудааст.

Ин қитъаи шоҳроҳ, ки ҳудуди ноҳияҳои Дарвозу Ванҷро убур мекунад, 109 километрро ташкил намуда, бунёди ду нақби мошингузар масофаи қаблиро 16,5 км кам намуд.

Роҳи мазкур пойтахти кишвар - шаҳри Душанберо бо маркази маъмурии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Тоҷикистонро бо кишвари Чин пайваст мекунад.

25 июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон роҳи маркази ноҳия то нуқтаи пайвастшавӣ ба шоҳроҳи Душанбе-Кулмаро ба истифода доданд.

Роҳи мазкур дар доираи татбиқи ҳадафҳо барои ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ намудани шароити хизматрасонӣ бунёд шуда, аз ду хатти ҳаракат иборат мебошад ва дар маҷмуъ 16 километрро ташкил медиҳад.

27 июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ 3,7 км роҳ, 550 метр долони зидди тарма ва пули мошингузарро бо дарозии 82 метр дар деҳаи Барсеми деҳоти Сучони ноҳияи Шуғнон мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Ин қитъаи роҳ дорои аҳамияти байналмиллалӣ буда, ҷузъи муҳими шоҳроҳи стратегии Душанбе-Кӯлоб-Дарвоз-Хоруғ-Мурғоб-Кулма ба ҳисоб меравад. Он Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Мардумии Чин тавассути гузаргоҳи сарҳадии Кулма мепайвандад.

26 август сохтмони пули калонтарин дар кишвар аз болои обанбори неругоҳи барқии обии Роғун ба дарозии 920 метр ва 3 пули дигари мошингузар ба дарозии 368 метр оғоз гардид, ки маблағи умумии онҳо 900 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Мавриди зикри хос аст, ки тайи се соли охир дар кишвар беш аз 3 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ, аз ҷумла 2,6 ҳазор километр аз ҳисоби соҳибкорони ҳимматбаланд ва аҳолӣ бунёду таҷдид гардида, ҳоло ин иқдоми нек бомаром идома дорад.

26 август Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Нуробод ба фаъолияти муҳимтарин иншоот дар водии Рашт - роҳи Оби гарм - Нуробод оғоз бахшиданд.

Дарозии роҳ 75 км буда, меъёр ва қоидаҳои сохтмонӣ ба дараҷаи сеюми техникии роҳҳо дохил мешавад ва паҳноии стандартии он 12 метр аст. Бо мақсади бартараф намудани монеаҳои табиӣ дар доираи лоиҳа се нақби мошингузар сохта шудааст. Нақбҳои 35-солагии Истиқлолият бо дарозии 2605 метр, Ваҳдат 1700 метр ва Ориёно 1600 метр масофаи роҳро 24 км кутоҳ намуда, масрафи вақт ва сӯзишвориро коҳиш медиҳад.

Барои пешгирӣ аз хатари ҳодисаҳои табиӣ дар як қатор минтақаҳои ҳудуди шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод 14 пули мошингузар сохта шудааст. Дарозии пулҳо наздик ба 1150 метр буда, интиқоли молу маҳсулот ва рафтуои мардумро бидуни танаффус таъмин мекунанд.

11 сентябр Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Балҷувон бо лоиҳаи бунёди роҳи мошингарди дорои аҳаммияти ҷумҳуриявии Балҷувон-Сари Хосор бо дарозии 54,1 км шинос шуданд.

20 ноябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 3 қитъаи роҳи мошингарди Деҳмой-Конибодом, Деҳмой-Бобоҷон Ғафуров-Хистеварз ва Кучкак-Конибодомро бо буридани лентаи рамзӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Ин қитъаҳои роҳ дар масофаи 52 км бо арзиши 56 миллион доллар бунёд гардидааст.

Дар роҳи мошингарди Деҳмой-Конибодом 11 пули мошингузар ва 17 истгоҳ бунёд ёфтааст.

*(Давом дорад)*

# МАҶЛИСИ РАЁСАТИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

**6 феврал, дар шаҳри Душанбе маҷлиси Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти раёсати Муовини якуми Раиси ҲХДТ Маликшо Неъматзода баргузор гардид.**






Дар кори маҷлис муовинони Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, аъзои Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, аъзои Фраксияи ҳизб дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раис ва аъзои Комиссияи марказии тафтишотӣ, кормандони масъули Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи марказии ҳизб, раисони кумитаҳои иҷроия дар шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, намояндагии Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан", фаъолони ҳизбӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок доштанд.

Маҷлисро муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Маликшо Неъматзода оғоз намуда, иштирокчиёнро бо рӯзномаи маҷлис, ки фарогири 7 масъала, аз ҷумла ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар соли 2025 ва вазифаҳои аввалиндараҷаи сохторҳои ҳизбӣ дар марҳилаи минбаъда буд, шинос намуд.

Нахуст, мутобиқи рӯзномаи маҷлис гузориши муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Абдуллозода Умеда оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар соли 2025 ва вазифаҳо дар марҳилаи минбаъда шунида шуд.

Мавсуф дар рафти суханронӣ иброз дошт, ки дар давоми соли 2025 фаъолияти Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва сохторҳои ҳизбӣ бештар хусусияти ташвиқотию тарғиботӣ касб намуда, дар семоҳаи аввали соли равон ба ҷамъбасти маъракаи муҳимии сиёсӣ - Интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ равона гардид.

Нақшаи фаъолияти ҳизб барои соли 2025, ки фарогири ҳама самту соҳаҳои фаъолияти ҳизб мебошад, дар сатҳи зарурӣ ҷараён гирифта, масъалаҳои дар раванди фаъолият ба миёномада низ иҷрои худро дарёфт намуданд.

Ташкилотҳои ҳизбӣ дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи татбиқи барномаҳои фарогири ҳизб баҳри тарғиби дастовардҳои истиқлолият ва сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат, самту соҳаҳои афзалиятнок ва ҳадафҳои олии стратегии кишвар чорабиниҳои судманду натиҷабахш доир намуданд. Тадбирҳои анҷомдода ба он равона гардид, ки фарҳанги сиёсӣ ва эҳсоси ватандӯстию худшиносӣ миёни аҳолӣ таҳкиму тақвият дода шавад.

Соли сипаришуда барои аъзо ва ҷонибдорони ҳизб соли вусъати корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ, оғози марҳилаи нави корҳои созандагиву бунёдкорӣ махсуб мегардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 апрели соли 2025 зимни боздид аз иншооти шаҳри Душанбе бинои маъмурии Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор дода, бо шароити кории он шинос шуданд.

Инчунин, дар соли 2025 аз ҷониби Пешвои муаззами миллат биноҳои маъмурии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Панҷакент, ноҳияи Деваштич тариқи фосилавӣ ва биноҳои маъмурии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Файзобод, ноҳияи Ҷаббор Расулов, ноҳияи Ҷайҳун, Панҷакент ва Деваштич бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафарҳои корӣ, мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар ин росто, боиси тазаккур аст, ки айни ҳол дар ҷумҳурӣ 7547 адад ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ фаъолият намуда, шумораи умумии аъзои ҳизб ба 653 560 нафар расидааст. Дар соли 2025 66 468 нафар ба сафи ҳизб шомил гардидаанд.

Дар музокира ба масъалаи якуми рӯзномаи маҷлис Мавсума Муинӣ, муовини раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мансурӣ Дилрабо Сайдулло, аъзои Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуданд.

Тибқи масъалаҳои дуюм ва сеюми рӯзномаи маҷлис оид ба тасдиқи Нақшаи кории Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2026 ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба шарҳу тавзеҳ ва тарғибу ташвиқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2025 қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Сипас, нақшаи чорабиниҳо бахшида ба "Соли вусъат додани корҳои ободонию созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносию худогоҳии миллӣ" ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, таъкид шуд, ки ин санаи муҳимро мо бояд бо дастовардҳои шоиста истиқбол намоем.

Тақвият бахшидани фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятии сохторҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар самти қабулу баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон низ яке аз масъалаҳои маҷлис махсуб ёфта, вобаста ба ин қарори дахлдор қабул гардид.

Дар интиҳо, муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Маликшо Неъматзода иброз дошт, ки ҳизби мо зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама самту соҳаҳои муҳимтарини мамлакат нақши намоён ва барҷаста дошта, чун ҳамешагӣ дар ноил гардидан ба дастовардҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии кишвар саҳмгузор мебошад.

Маликшо Неъматзода қайд намуд, ки соли сипаришуда барои ҳизбиён аз он ҷиҳат хотирмон аст, ки 17 июли соли 2025 дар бинои маъмурии ҳизб, Маҷлиси васеи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид ва аз ҷониби Сарвари кишвар ҷиҳати вусъат бахшидани фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ барои истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар кори маҷлис аз иштирокчиён даъват ба амал оварда шуд, ки интизоми кориро қатъиян ва мунтазам риоя намоянд. Маҳз интизоми намунавӣ ва масъулият дар фаъолият боиси амалӣ гардидани ҳадафу мақсад ва нақшаи дурнамо хоҳад шуд, ки аз ҳидояту супоришҳои Пешвои маҳбуби миллат, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд.

Дар интиҳо таъкид гардид, ки дар асоси роҳнамоиҳои Раиси муаззами ҳизб ва барномаҳои вусъатманди он баҳри ҳалли масъалаҳои ҳамарӯзаи ҳаёти мардум корбарӣ намуда, барои иҷрои саривақтӣ ва босифати масъалаҳои муҳимми ҷомеа мусоидат карда, бо роҳи ибтикороти шахсию пешоҳангӣ дар ин самт эътиқоду эътимоди мардумро нисбат ба фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баланд бардоштан рисолати аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад.

Маҷлиси Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар руҳияи баланди ифтихори ватандорӣ ба анҷом расид.

**Манбаъ: ҲХДТ - Ҳизбе бо рисолати ватансозӣ**

# НИШАСТИ МАТБУОТИИ РАИСИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**11 феврал, дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон нишасти матбуотии раиси вилоят Давлаталӣ Саид бо иштироки васеи хабарнигорони ҷумҳурӣ ва вилоятӣ баргузор гардид.**



Ҳамчунин, дар нишасти хабарӣ муовини якум ва муовини раиси вилоят, муовини роҳбари Дастгоҳ, мудирони шуъбаву бахшҳо ва роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ иштирок намуданд.

Нахуст, раиси вилоят Давлаталӣ Саид оид ба нишондиҳандаҳои соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии вилояти Хатлон дар соли 2025 ибрози андеша намуда, қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои асосӣ тамоюли мусбат доранд. Ба гуфтаи раиси вилоят, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар соли 2025 ба 49,5 миллиард сомонӣ расида, рушди воқеии он 108,3 фоиз таъмин гардидааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2024 ба андозаи 6,7 миллиард сомонӣ зиёд буда, ҳиссаи вилояти Хатлонро дар таркиби маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 28 фоиз расонидааст.

Зикр гардид, ки нақшаи қисми даромади буҷет бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 103,3 фоиз таъмин шуда, ба буҷет 3,3 миллиард сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 103 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ба ташкилоту муассисаҳои буҷетии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он 4,8 миллиард сомонӣ ҷудо гардида, аз ин маблағ 4,4 миллиард сомонӣ ё 91,7 фоиз ба соҳаҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст, афзуд раиси вилоят зимни нишасти матбуотӣ.

Ҳамчунин, ӯ иттилоъ дод, ки шумораи нафақахӯрон дар вилоят 311 ҳазору 669 нафарро ташкил медиҳад. Талабот ба пардохти нафақа дар соли 2025 1,8 миллиард сомониро дар бар гирифта, дар соли 2025 маблағҳо пурра ва сари вақт пардохт карда шудааст. Ҳисоби миёнаи нафақа дар вилоят ба 505,74 сомонӣ баробар буда, нисбат ба соли 2024 37 сомонӣ ё (7,9) фоиз афзоиш ёфтааст.

Таъкид шуд, ки гардиши мол дар соли 2025 ба 21,6 миллиард сомонӣ расида, нисбат ба соли 2024, 2,9 миллиард сомонӣ зиёд гардида, 111,9 фоизро ташкил додааст.

Дар анҷоми нишасти матбуотӣ раиси вилоят Давлаталӣ Саид ба пешниҳоду саволҳои хабарнигорон посухҳои мушаххас дод.

**Зебо ИКРОМЗОДА,**
**"Ҳамрози халқ"**

# НИҲОЛШИНОНӢ ДАР ХУРОСОН

**Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба «Барномаи давлатии кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» бо ташаббуси бевоситаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар шафати роҳи Бохтар-Душанбе дар ноҳияи Хуросон маъракаи ниҳолшинонӣ ташкил ва гузаронида шуд.**





Мавриди зикр аст, ки маъракаи ниҳолшинонӣ дар доираи эълон гардидани соли 2026-"Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ", иқдоми навбатии узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии ҲХДТ, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зери унвони «300 рӯзи созандагиву бунёдкорӣ ва масъулият барои ояндаи дурахшони Ватан» ва ташаббуси ҳизбии "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ роҳандозӣ гардид. Дар ин маъракаи ниҳолшинонӣ роҳбарият ва кормандони Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб, кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хуросон, Ёвон ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок намуданд.

Қобили қайд аст, ки тибқи нақшаи тасдиқгардидаи ниҳолшинонӣ дар давраи тирамоҳи соли 2025 ва баҳори соли 2026 аз ҷониби раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид қитъаҳои замин барои шинонидани дарахтон ба ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ ҷудо гардидааст. Замини ҷудогардида барои ҳизбиёни вилоят дар қитъаи сеюми деҳаи Чашмасори ноҳияи Хуросон воқеъ буда, масоҳати он 1,74 гектарро ташкил дода, дар он 300 бех дарахти арча ва 200 бех ниҳоли писта шинонида шуда, ин тадбир ба беҳтар кардани вазъи экологӣ ва муҳайё намудани шароити хуб барои зисти сокинон мусоидат менамояд.

Барои пурра сабзидани дарахтон ҳизбиён аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода бурда, дар фаслҳои баҳору тобистон онҳоро бо об таъмин менамоянд. Ҳамчунин, Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон тасмим гирифтааст, ки дар оянда дар гирду атрофи оромгоҳҳое, ки дар шафати шоҳроҳҳо ҷойгир ҳастанд, иқдоми ниҳолшиниро амалӣ менамояд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 декабри соли 2023 дар Паёми солонаи хеш ба Ҳукумати мамлакат, Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва тамоми сохтор мақомоти давлатӣ супориш дода буданд, ки: "бо дарназардошти тағйирёбии иқлим ва бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологии ҷумҳурӣ, инчунин муҳайё намудани шароити ҳарчӣ беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии мамлакат барои давраи то соли 2040-ро қабул ва малӣ намоянд".

Барномаи мазкур яке аз иқдомҳои муҳими мамлакат дар самти ҳалли мушкилоти обу иқлим арзёбӣ мегардад. Имрӯз ҳизбиёни вилояти Хатлон дар баробари дигар сохторҳои вилоятӣ иқдом гирифтанд, ки бо шинонидани дарахтони ҳамешасабзу сояафкан ва писта як гӯшаи мамлакатро боз ҳам сарсабзу зебо гардонанд.

Имрӯзҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон маъракаи ниҳолшинонӣ бомаром идома дошта, бо чунин тадбирандешиҳои созанда сокинони сарбаланд мехоҳанд ҷашни бузурги миллӣ-35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро истиқбол намоянд.

Ёдовар мешавем, ки ин иқдоми созанда дар доираи нақаша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон барои нимсолаи якуми соли ҷорӣ ва эълон гардидани соли 2026-"Соли вусъат додани корҳои ободонву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" амалӣ гардид.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**"Ҳамрози халқ"**

# ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ САДА



**Дар асоси нақша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “30 - солагии истиқлолият” - и МТҒ “Коллеҷи тиббӣ - иҷтимоии шаҳри Бохтар” тибқи анъана, яке аз ҷашнҳои аҷдодии ниёгонамон - Сада бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил карда шуд.**

Дар чорабинии бошукӯҳ Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Ташрифзода Амиралӣ Сафаралӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар, Роҳила Давлатова, собиқадори ҲХДТ, Мӯсоев Муҳиддин, раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии “30 – солагии истиқлолият”, аъзо ва ҷонибдорони ҳизб иштирок намуданд.

Ҳайати меҳмонон аз намоиши маҳсулотҳои кишоварзӣ, хӯрокҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дидан намуданд.

Нахуст, чорабиниро Муҳиддин Мӯсоев, оғоз бахшида ҷамъомадагонро бо ҷашни Сада табрику муборакбод гуфт.

Сипас, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб зимни ибрози андеша қайд намуд, ки Сада ҷашни нур, гармӣ ва умед ба зиндагии нав буда, дар айёми сардии зимистон таҷлил мегардад ва муждаи наздикшавии баҳорро медиҳад. Фарҳанги миллии тоҷикон дорои ҷашну ойинҳои бостонӣ ва пурқимате мебошад, ки аз насл ба насл интиқол ёфтаанд. Ин ҷашнҳо на танҳо анъанаҳои мардумиро инъикос мекунанд, балки ҷаҳонбинӣ, тарзи зиндагӣ ва муносибати инсонро бо табиат нишон медиҳанд.

Зикр гардид, ки ҷашни Сада таърихи бисёр қадима дошта, ба давраи ориёинажодон мансуб мебошад. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ, ин ҷашн пеш аз зуҳури ислом дар байни халқҳои эронитабор, аз ҷумла ниёгони тоҷикон васеъ таҷлил карда мешуд. Калимаи «Сада» аз рақами «сад» гирифта шуда, ба гузашти сад рӯз аз оғози зимистон ишора мекунад. Баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки Сада панҷоҳ рӯз ва панҷоҳ шаб пеш аз Наврӯз ҷашн гирифта мешуд.

Гуфта шуд, ки дар осори классикии адабиёти форсу тоҷик, аз ҷумла дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар бораи ҷашни Сада маълумоти арзишманд оварда шудааст. Тибқи ривоятҳо, кашфи оташ ба подшоҳи афсонавӣ Ҳушанг нисбат дода мешавад. Мегӯянд, ки ҳангоми задани санг ба санг шарора пайдо шуда, инсон ба қудрати оташ ошно гардид. Аз ҳамон замон оташ ҳамчун рамзи рӯшноӣ, гармӣ ва ҳаёт дар фарҳанги мардум ҷойгоҳи хосса пайдо кардааст.

Дар охири чорабинӣ донишҷӯёни МТҒ “Коллеҷи тиббӣ -иҷтимоии шаҳри Бохтар” бо барномаи рангини омодакардаи хеш, нишон додани саҳначаҳои ҷолиб аз таърихи ҷашни Сада ва суруду таронаҳои ватандӯстона хотири ҳамагонро болида гардониданд.

**“Ҳамрози халқ”**

# ИҚДОМИ ВАТАНСОЗИИ ҶАВОНОН ДАР КӮШОНИЁН



**Дар партави сиёсати хирадмандона ва варзишпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавонони бонангу номуси деҳаи Ҳофизи Шерозии Ҷамоати деҳоти Меҳнатободи ноҳияи Кӯшониён иқдоми муҳим ва сазовори таҳсинро рӯи даст гирифтанд.**

Онҳо дар ҳошияи эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ва ташаббуси ҳизбӣ тахти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” майдончаи муосири варзиширо бунёд намуда, рӯзҳои наздик онро ба истифода хоҳанд дод.

Ин ташаббуси созанда гувоҳи равшани он аст, ки ҷавонони деҳа бо дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва эҳтиром ба сиёсати давлату Ҳукумат, мехоҳанд ҷашни пурифтихори миллӣ-35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо корҳои назарраси бунёдкорона истиқбол намоянд. Иқдоми мазкур аз худшиносиву худогоҳии миллӣ ва талоши саҳмгузорӣ дар ободии маҳал ва пешрафти ҷомеа дарак медиҳад.

Мардуми сарбаланду меҳнатқарини ноҳияи Кӯшониён, бахусус ҷавонони деҳаи Ҳофизи Шерозии Ҷамоати деҳоти Меҳнатобод ва аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо иттиҳоду ҳамдилӣ ва истифодаи имкониятҳои мавҷуда камари ҳиммат бастаанд, то маҳалли зисти худро боз ҳам ободу зебо гардонанд. Сохтмони майдончаи варзишӣ намунаи равшани чунин ҳамбастагӣ ва масъулиятшиносӣ мебошад.

Майдончаи варзишии сохташуда мутобиқ ба талаботи муосир буда, дарозиаш 40 ва паҳноияш 20 метрро ташкил медиҳад. Ин иншоот асосан барои рушди футболи оммавӣ пешбинӣ гардида, имконият фароҳам меорад, ки ҷавонону наврасон вақти холии худро бо машғулиятҳои варзишӣ сипарӣ намоянд. Тибқи иттилоъ, маблағи умумии барои сохтмони майдонча сарфшуда 311 ҳазор сомониро ташкил дода, он бо саҳми ҷавонони деҳа, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатие, ки дар шаҳрҳои гуногуни Федератсияи Русия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо фаъолият доранд, бунёд гардидааст.

Қобили зикр аст, ки футбол яке аз намудҳои сермухлису рушдёфтаи варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, сол ба сол маҳбубияти он миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа афзоиш меёбад. Давлату Ҳукумати кишвар барои рушди ин намуди варзиш шароити мусоид фароҳам оварда, инфрасохтори варзиширо пайваста такмил медиҳад. Бесабаб нест, ки бо ташаббуси президенти Ассотсиатсияи Футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) ва Президенти Федератсияи Футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ 25 май бо Қарори Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии футбол таҷлил мегардад.

Рамазон Насриддинзода, сардори Раёсати ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон зимни нишасти хабарӣ рӯзи 2 феврали соли равон иттилоъ дод, ки танҳо дар соли 2025 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 43 майдончаи варзишӣ, ду варзишгоҳи калон, се маҷмааи варзишӣ ва дар маҷмуъ 61 иншооти варзишӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Айни замон дар вилояти Хатлон 4 ҳазору 196 иншооти варзишӣ фаъолият дошта, аз ҷумла 42 варзишгоҳ, 3 ҳазору 251 майдончаи варзишӣ, 593 толори варзишӣ, 40 ҳавзи шиноварӣ, 14 маҷмааи варзишӣ ва 264 иншооти махсуси варзиширо дар бар мегирад.

Ҳамзамон, варзишгарони вилояти Хатлон дар соли сипаригардида дар 162 мусобиқа ва чемпионатҳои ҷумҳуриявӣ ва 35 мусобиқаи байналмилалӣ иштирок намуда, дар маҷмуъ 3 ҳазору 706 медал, аз ҷумла 1264 медали тилло, 1115 медали нуқра ва 1327 медали биринҷӣ ба даст овarданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2024-ум 41 медал зиёд мебошад.

Ҷавонону наврасони деҳаи Ҳофизи Шерозӣ изҳори умедворӣ менамоянд, ки бо мавриди истифода қарор гирифтани майдончаи нави варзишӣ шумораи ҳаводорони футбол афзоиш ёфта, дар оянда онҳо метавонанд дар мусобиқаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзанд. Бешак, чунин иқдомҳо ба тарбияи насли солиму фаъол, таҳкими руҳияи ватандӯстӣ ва рушди минбаъдаи ҷомеа мусоидат хоҳанд кард.

Мавриди зикр аст, ки ҷавонони масъулиятшиноси деҳаи Ҳофизи Шерозӣ дар баробари бунёди иншооти варзишӣ, инчунин ба хотири зебо гардидани деҳа тамоми кӯчаҳоро чароғону сангфарш намудаанд.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**«Ҳамрози халқ»**

## ФАЪОЛИЯТИ 21 МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ДАР ШАҲРИ ЛЕВАКАНТ



Дар шаҳри Левакант нишасти матбуотӣ баргузор гардид. Дар ҷараёни нишасти хабарӣ Муминзода Мастура Табарӣ, раиси шаҳри Левакант ба хабарнигорон иттилоъ дод, ки дар шаҳр 21 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 17 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 4 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ фаъолият менамоянд.

Ба гуфтаи раиси шаҳр, дар ин муассисаҳо 15 ҳазору 359 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Зикр гардид, ки шумораи умумии омӯзгорон 843 нафар буда, аз ин шумора 666 нафар занон мебошанд. Аз ҳисоби умумии омӯзгорон 600 нафар дорои маълумоти олӣ ва 243 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд.

## БУНЁДИ 59 ИНШООТ ДАР ЯК СОЛ



Дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон ба ифтихори ҷашни бузурги миллӣ-35 солагии Истиқлоли давлатӣ бунёди 232 иншооти ҷашнӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ҳаҷми маблағи онҳо 1,3 миллиард сомониро дар бар мегирад. Дар ин бора Иброҳимиён Акмал Комилзода, раиси ноҳия рӯзи 5 феврал зимни баргузории нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон иттилоъ дод.

Ӯ гуфт, ки танҳо дар соли сипаригардида 59 иншооти гуногуни ҷашнӣ мавриди истифода қарор дода шуд, ки 128 фоизи нақшаи соли 2025-ро ташкил дода, даҳҳо нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Аз шумораи умумии 232 иншооти дар нақшабуда, ба ҳолати 1-уми январи соли 2026, 189 адади он ба истифода дода шудааст. То кунун 43 иншооти дигар боқӣ мондааст, ки дар 25 адади онҳо корҳои сохтмонӣ бомаром идома дорад.

## ИҶРОИ БАРЗИЁДИ НАҚШАИ БУҶЕТ ДАР ШАҲРИ БОХТАР



Дар нишасти матбуотӣ Муминзод Абдулмаҷид Мубин, раиси шаҳри Бохтар ба рӯзноманигорон иттилоъ дод, ки нақшаи қисми даромади буҷети шаҳр аз рӯи контингенти умумӣ 104 фоиз иҷро гардидааст.

Ба иттилои ӯ ба ҷойи 340,8 миллион сомонии пешбинишуда ба буҷет 355,8 миллион сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақша 15 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳамчунин, нақшаи воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ 101 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 284,9 миллион сомонӣ ворид шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба нақша 3,8 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

## ҲАҶМИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ БА 303,2 МИЛЛИОН СОМОНӢ РАСИД



Дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ соли 2025 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба 303,2 миллион сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2024-ум 38,4 сомонӣ ё 9,6 фоиз зиёд мебошад, дар ин бора Қурбоналӣ Қурбонзода, муовини раиси ноҳия дар нишастӣ хабарӣ иттилоъ дод.

Ҳамчунин ӯ зикр кард, ки ҳаҷми истеҳсоли нахи пахта 101,5 фоиз, равғани растанӣ 88,2, гӯшт 110,1 фоиз, маҳсулоти ширӣ 56,5 фоиз, сангу шағал 6,6 баробар, маҳсулот аз пластикаи физилӣ 120,3 фоиз ва чипт 102,8 фоиз иҷро гардид.

Дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 35 адад корхонаҳои саноатӣ фаъолият дошта, танҳо дар соли сипаригардида 4 корхонаю коргоҳ бо 182 ҷойи кории нав мавриди истифода қарор дода шуд. Соли гузашта ҳаҷми сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ 130,9 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2024-ум 55,4 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Бояд қайд кард, ки корҳои сохтмониву васлкунӣ ба маблағи 86,5 миллион сомонӣ иҷро гардиданд, ки нисбат ба соли 2024, 26,4 миллион сомонӣ зиёд мебошад, иброз дошт Қурбоналӣ Қурбонзода, муовини раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ.

## ДӮСТӢ. 4 КОРХОНАИ САНОАТӢ БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД



Нишонзода Даврон, раиси ноҳияи Дӯстӣ рӯзи 5 феврал дар нишасти хабарӣ гуфт, ки соли 2025 дар ноҳия 4 корхонаву коргоҳи саноатӣ сохта ба истифода дода шуд, ки 60 нафар сокинони маҳалӣ бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 390,9 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2024, 71,4 миллион сомонӣ ё 117,1 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли нахи пахта 136,1, гӯшт 101,3, сангу шағал 70,2 ва оҳак 131,1 фоиз иҷро гардид. Нишонзода Даврон ҳамчунин ироа дошт, ки дар ноҳияи Дӯстӣ 31 адад корхонаи саноатӣ буда, дар соли сипаригардида 10 корхонаи хурди коркарди пахта аз фаъолият боз монданд. Омили бозмонданашонро раиси ноҳия дар сифатан паст коркард карданди маҳсулот арзёбӣ кард. Гуфта шуд, ки дар пайи зиёд шудани шумораи корхонаҳои саноатӣ ва ҳаҷми истеҳсолот иқтисодиёти ноҳия афзун гардида, зиндагии сокинон боз ҳам беҳтар мегардад.

## 1,8 МИЛЛИАРД СОМОНӢ ҲАҶМИ МАҲСУЛОТИ ДОХИЛӢ



Носир Суризода, раиси ноҳияи Хуросон дар нишасти матбуотӣ ба рӯзноманигорон иттилоъ дод, ки дар соли 2025 ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар ноҳияи Хуросон ба 1 миллиарду 867 миллиону 340 ҳазору 700 сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2024, 65 миллиону 623 ҳазору 800 сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳамчунин ӯ қайд кард, ки қисми даромади буҷети ноҳия бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 119,2 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 66 миллиону 489 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 10 миллиону 730 ҳазор сомонӣ бештар мебошад.

Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба як миллиарду 373 миллиону 402 ҳазору 200 сомонӣ расонида шуд, ки суръати афзоиши он 101,6 фоизро ташкил дод. Кишоварзон дар майдони 3527 гектар замин кишти тирамоҳӣ гузарониданд, илова кард, Носир Суризода.

# ЛЕВАКАНТ. МАҶЛИСИ ҶАМЪБАСТИИ НАМОЯНДАГИИ ТҶҶ “СОЗАНДАГОНИ ВАТАН”

**Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “ЛКСК”-и шаҳри Левакант бо иштироки Раҳмон Зарина, муовини намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар вилояти Хатлон, Олимзода Низора, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант, Расулов Меҳтоҷалӣ, роҳбари намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар шаҳри Левакант, ҷавонон аз ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, аъзоёну ҷонибдорони ҲХДТ ва дигар шахсони масъул маҷлиси ҷамъбастии натиҷаҳои фаъолияти Шурои намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда баргузор гардид.**



Маҷлиси ҷамъбастӣ аз панҷ масъала: натиҷагирӣ аз фаъолияти Шурои намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар шаҳри Левакант дар давраи ҳисоботӣ ва вазифаҳо барои соли 2026, шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, аз 16 декабри соли 2025, тасдиқи нақшаи кории намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар шаҳри Левакант барои соли 2026, интихоби роҳбари намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар шаҳри Левакант ва масъалаҳои ҷорӣ иборат буд.

Зимнан оид ба масъалаи якуми рӯзномаи маҷлис Расулов Меҳтоҷалӣ, роҳбари намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар шаҳри Левакант доир ба фаъолияти Шурои намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар шаҳри Левакант дар соли 2025 ва нақшаҳо барои давраҳои ояндa баромад намуд. Мавсуф қайд намуд, ки новобаста аз камбудию пешравиҳо Шурои намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар шаҳри Левакант соли 2025-ро бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намуда, дар пешравию корҳои созандагӣ, тарғибу ташвиқи ҳадафҳои барномавии ҳизб ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миёни аҳолӣ саҳми арзанда гузоштааст.

Дар идома Ёров Абдулматтин, аъзои Шурои намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” аз ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Литсейи касбии саноати кимиёӣ”, Файзуллоева Руҳафзо, аъзои Шурои намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” аз ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Фарҳангчиён” ва Тоҷиддинов Ориф, аъзои Шурои намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” аз ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Ориёнбонк” ба музокира баромада, фаъолияти намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар шаҳри Левакантро хуб арзёбӣ намуданд.

Ҳамчунин, Меҳтоҷалӣ Расулов аз нав роҳбари намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар шаҳр интихоб гардида, оид ба масъалаҳои баррасигардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

Дар фарҷом ба як қатор фаъолон, аъзои намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” Сипоснома тақдим гардид.

**«Ҳамрози халқ»**

---

# ПАЁМ, ҶАВОНОН ВА МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ



**Ҷ.БАЛХӢ**

Тибқи нақша-чорабиниҳои шуъбаи кор бо ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо мақсади тавсеаи ҷаҳонбинии сиёсиву иҷтимоии ҷавонон, таҳкими ғояҳои ватандӯстӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқию сиёсии онҳо дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 бо иштироки муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Рауфов Фатҳулло ва мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Оқилзода Беҳрӯз «Соати сиёсӣ» таҳти унвони «Паём, ҷавонон ва манфиатҳои миллӣ» баргузор гардид.

Фатҳулло Рауфов таъкид намуд, ки Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳнамои амал барои ҳар як шаҳрванди худшиносу худогоҳ, бахусус ҷавонони созанда ва бонанги ному си кишвар ба шумор меравад.

Иброз гардид, ки дар Паёми Пешвои миллат ба ҷавонон ҳамчун нерӯи асосии пешбарандаи ҷомеа таваҷҷӯҳи хосса зоҳир шудааст. Пешвои миллат ҷавононро такягоҳи боэътимоди давлат ва идомадиҳандаи корҳои созанда арзёбӣ намуда, онҳоро ба донишомӯзӣ, касбомӯзӣ, ватандӯстӣ ва иштироки фаъол дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар ҳидоят намуданд.

---

АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# ПЕШГИРӢ АЗ ОМИЛҲОИ НОМАТЛУБ

**Ш.ШОҲИН**



Дар доираи дастуру супоришҳои мақомоти болоии ҳизбӣ ҷиҳати огоҳонидани сокинон аз таҳдиду хатарҳои терроризму экстремизм, нашъамандӣ, нашъаҷаллобӣ ва дигар зуҳуроти номатлуб, ки ба ҷомеаи мадании Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонанд, кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдор пайваста чораандешӣ менамоянд.

Ёдовар мешавем, ки нашъамандӣ яке аз омилҳои асосии ҷалби инсонҳо ба гурӯҳҳои даҳшатафкану террористӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон ба оромию осоиштагии мамлакат ва соҳибистиқлоливу якпорчагии Ватани азизамон таъсири ҷиддии манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ҳаёти худ ва атрофиёнро зери хатар нагузошта, барои зиндагии ободу осоишта дар муҳити ҷамъиятӣ ва хонаводагӣ фаъолият намоем ва аз ҷунин падидаҳои номатлуб канорагӯӣ карда, дар роҳи пешгирӣ ва аз байн бурдани онҳо якҷо мубориза беамон барем.

Бо ҳамин мақсад, бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб дар маркази ноҳия аксияи ҳизбӣ таҳти унвони «Мубориза бар зидди терроризму экстремизм, истифода ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва хатари он ба ҳаёти сиёсию ҷамъиятии сокинони мамлакат» баргузор гардид.

---

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Абдулло Раҳмонзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.

